# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Дар шароити кунунӣ унвонҷӯ Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мавзуи мубрамро интихоб намудааст, чунки имрӯз аз косташавии ахлоқи насли наврас аҳли ҷомеа изҳори нигаронӣ менамояд. Мубрам будани интихоби мавзуи диссертатсионӣ ба ақидаи унвонҷӯ дар он зоҳир меёбад, ки мактаббачагон, алалхусус, мактаббачагони хурдсол дар бисёр ҳолатҳо бинобар сабаби маҳдуд будани таҷрибаи ҳаётӣ, иродаи мустаҳкам надоштан ва беҷуръатӣ рафторҳои дурусти ахлоқиро ба амал бароварда наметавонанд. Ин мубрамият дар муқаддимаи диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Унвонҷӯ комилан дуруст таъкид намудааст, ки барои ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол, пеш аз ҳама, дар оила ва мактаб муҳити солим, ризояти маънавӣ, дӯстӣ, оромӣ ва чеҳракушодӣ бояд ҳукмфармо бошад. Махсусан, ваҳдати волидон дар тарбияи фарзанд дар ҳама синну сол зарур аст; дар коллективи ҳамсолон ҳамдастиву дӯстӣ ва муҳаббат, эҳтироми якдигар, ғамхорӣ нисбат ба якдигар доимо бояд ҳувайдо бошад, ки ин амалҳо ба тарбияи кӯдак таъсири мусбат мерасонанд; муносибати омӯзгор ба хонандагон новобаста аз ҷинсу синну сол ва мароқангезиашон бояд якхела бошад; тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ бояд дар худ мақсаду ҳадаф, нақшаи бонизом ва кори мунтазам, эътибору ғайратмандӣ, ҷустуҷӯкор будан, мустақилӣ, сифатҳои неки ахлоқӣ ва иродаи мустаҳкамро дошта бошад.

Боиси дастгирист, ки унвонҷӯ дар ҷараёни ташкилу баргузор намудани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба масъалаи роҳбарӣ намудан ба тарзи дурусту оқилонаи ташкилу истофодаи корҳои дастаҷаъмона бо мақсади дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ диққати ҷиддӣ зоҳир намудааст.

Унвонҷу бо боварӣ таъкид менамояд, ки барои ташаккули сифатҳои неки инсонӣ дар мактаббачагони хурдсол, пеш аз ҳама, муҳити солим, ризоияти маънавӣ, дӯстӣ, оромӣ ва чеҳракушодӣ бояд ҳукмфармо бошад, чунки ваҳдат дар коллективи мактаббачагон ҳама вақт зарур аст.

Ҷанбаи асосиро дар диссертатсия масъалаҳои хусусиятҳои махсуси ташаккули малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ, моҳият ва мазмуни ташаккули малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ, ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми дарс ва корҳои берунаозсинфӣ, тарбияи ҳисси қарзи инсонӣ ҳамчун воситаи муҳимми ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ, асосҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ, ғанӣ гардонидани малакаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар корҳои гуногуни коллективона ташкил медиҳанд.

Муҳаққиқ бо дарки дурусти масъалаи таҳқиқшаванда иброз намудааст, ки шароити мусоири гузариши ҷамъият ба сатҳи нави тараққиёти худ эҳёи анъана ва урфу одатҳои нав ва меъёрҳои ахлоқи умумиинсониро ба миён мегузорад. Дар диссертатсия истифодаи урфу одат ва анъанаҳои пешқадами миллии оилавӣ дар алоқамандӣ бо анъанаҳои нав амалӣ гардидааст.

Ҳамзамон, Саидзода Ниёзмуҳаммад дуруст изҳори ақида менамояд, ки имрӯз вазифаи илми педагогика ва олимону муҳаққиқон аз он иборат аст, ки анъанаҳои миллиро ҳаматарафа омӯхта, таҳқиқ намуда, ба онҳо баҳои воқеӣ диҳанд. Маҳз, бо дарназардошти гуфтаҳои болозикр унвонҷӯ корҳои таҷрибавӣ-озмоишии худро оид ба истифодаи урфу одат ва анъанаҳои пешқадами миллии оилавӣ дар тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол ташкил намудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои ироагардида дар диссертатсия мантиқан дуруст ва илман аснок буда, дар натиҷаи гузаронидани озмоишҳои тулонӣ ба даст оварда шудаанд. Тавсияҳои пешниҳодгардида бо дарназардошти хусусиятҳои педагогӣ, психологӣ ва синнусоли мактаббачагони хурдсол ба шакл дароварда шуда, ба омӯзгорон ва падару модарон имкон фароҳам меоранд, ки тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар сатҳи сифатан хуб ба роҳ монда шавад.

Кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад ва муаллифи он Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

**Муқарриз,**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, сармутахассиси шуъбаи
мониторинг ва идораи сифати
таълими Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Носиров Саъдулло Шукулоевич

Имзои С. Носировро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М. А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

26.06.2025

Маълумот барои тамос:
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов, 64/14, Тел: +992 935311771;
E-mail: nosirov1965@mail.ru